**Тақризи**

**мукаррризи расмӣ ба диссертатсияи Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи “Ташаккули фаъолияти таълимӣ-тадқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ)**

Мушоҳидаву таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳақиқат, имрӯз ба омӯзгор талаботҳои ҷиддӣ оид ба омодагии касбӣ гузошта шудааст. Пешомади амалишавии коркардҳои худинкишофёбии муассисаҳои таълимӣ, ки боиси сарчашмаи эҷодиёти омӯзгор мебошад, такя ба навгониҳои педагогӣ, инъикоси худро дар пайдо шудани муассисаҳои таҳсилоти типи нав зоҳир менамояд, дидан мумкин аст. Айни замон воридшавии элементҳои нави мазмуни маълумот, технологияи нави таҳсилот мустаҳкамии робитаи муассисаҳои таҳсилотӣ муроҷиат ба таҷрибаи пешқадами педагогии дунявӣ боз ҳам мақому мароми омӯзгорро дучанд месозад.

Яке аз воситаҳои самаранокии фаъолияти омӯзгорони оянда - маҳорати эҷодӣ, салоҳияти таҳқиқотӣ, дарки мустаҳкамии ягонагии раванди таълимӣ ва таҳқиқотӣ, ки боиси имконияти васеи ҷалби донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба кори таҳқиқотӣ-илмӣ мебошад, мансуб меёбад. Ҷалби донишҷӯён ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ имконият медиҳад, ки онҳо фаъолона, мустақилона ва ҳамзамон имконияти дорошавии маҳоратҳои таҳқиқотӣ дар асоси вуқуъшавии мақоми омӯзгор-таҳқиқотчӣ мусоидат менамояд.

Аз муҳтавои диссертатсия маълум гардид, ки муҳиммияти мавзуи таҳқиқотӣ бо чанд омилҳои зерин асоснок карда шудааст: аввалан, дар замони муосири инкишофи ҷомеа, ислоҳоти соҳаи маориф ва илми кишвар, ки ба сифати тайёр кардани кадрҳои педагогӣ ниёз дорад, дар назар аст. Хусусияти технологияи муосири таълим - ин омодагии касбии омӯзгорон, оид ба ноилшавии натиҷаи баланди инкишофи эҷодии шахсиятро ошкор

намудааст.

Масъалаи ошкорсозии нуфузи эҷодии шахсият, инкишофи мустақилияти он салоҳият ба таҳқиқот, тарбияи маънавӣ ва баландмаърифатии он яке аз масъалаҳои муосири таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Омодасозии омӯзгорони оянда ҳамчун шахсиятҳои мустақил ва танқидан фикркунанда, қобилияти таҳияи системаи таҳсилоти худ, ҳамон вақт имконпазир мешавад, ки ҷабҳаҳои гуногуни таҷрибаи фаъолияти таҳқиқотиро дар курсҳои донишҷӯйӣ гирифта бошад. Бинобар ин, мақсад ва вазифаҳои Донишгоҳҳои омӯзгорӣ – ин дар асоси дониш ва маҳоратҳои мустаҳкамии донишҷӯён қобилият ба эҷодиётро инкишоф дода, ба равандҳои таҳқиқотӣ нигарон созанд. Фақат омӯзгори эҷодкор, омӯзгори муҳаққиқ, боиси фаъолияти амалисозии равандҳои навгониҳо дар муассисаҳои таълимӣ, барандаи технологияи педагогии нав шуда метавонанд.

Мақсади умумии таҳқиқот – ошкоркунии имкониятҳо, асосноккунии назариявӣ ва амалан санҷидани шароитҳои ташкили фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди таълими «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» мебошад.

Диссертатсия аз сарсухан, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Диссертатсия аз 175 саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст. Феҳристи адабиёти истифодашуда аз 171 номгӯйи сарчашмаҳои илмӣ ва илмӣ-методӣ таркиб ёфтааст.

Боби аввали рисола “Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши фанҳои математикӣ-методӣ” унвон дошта, дар он вазъи асосҳои назариявии ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар Донишгоҳҳои омӯзгорӣ ва имконияти ҷалби муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимии таҳқиқотӣ мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» таҳлилу баррасӣ шудааст.

Боби дуюми рисола “Асосҳои методии ташаккули фаъолияти таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши “Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ” дар донишгоҳ” ном дошта, дар ин қисмат методикаи ташаккули фаъолияти таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ, тарзи дурусти истифодаи донишҳо, маҳорат ва малакаҳои таҳқиқотӣ, ташкили кори мустақилона оид ба ҳалли масъалаҳои мушкили матнӣ ва озмоиши педагогӣ мавриди таҳлилу баррси қарор гирифтааст.

Бояд гуфт, ки дар раванди ташаккули такмили илми педагогикаи муосир ва таҷрибаи таҳсилоти имрӯза ба технологияи навини раванди таълим нигаронида шудааст, бинобар ин барои беҳдошти омодасозии мутахассисони рақобатпазири бозори меҳнат дар муассисаҳои таҳсилоти касбии олӣ таҳқиқи ин масъала аз аҳамият холӣ нест. Ин ҷабҳа барои бедорсозии фаъолнокии азхудкунии донишҷӯ, таҳиясозии мустақилияти тафаккур ва фаъолият равона гардидааст. Бо назардошти ҳадафҳои боло зарурати дақиқ ва амиқсозии мафҳуми «технологияи таълими касбӣ- нигаронидашуда» ва хусусиятҳои онро муайян намудааст. Таҳлили таҳқиқотҳои номбурда имконият медиҳад, ки тамоили технологияи касбӣ-нигаронидаи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун системаи психологӣ, умумипедагогӣ, дидактикию методии робитаи байни омӯзгор ва донишҷӯ бо назардошти хусусиятҳо ва майлу рағбатҳо ба амалисозии мазмун, методҳо, шаклҳо ва воситаҳои таълим дар мувофиқа ба ҳадафҳои таҳсилот, ки сифатҳои муҳимми мутахассиси оянда мусоидат менамояд, равона гардидааст. Аз ин рӯ, донишҳои методологиро фақат ба таври тайёр ба донишҷӯён шинос намудан лозим аст, балки онҳо барои азхуд намудани он мустақилият нишон диҳанд. Дар ҳамин замина донишҳои навро аз бар намоянд. Бинобар ин, ҳамин тарзу усулҳои нави методикаи гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ, ки асоси ташкили раванди таълимро ташкил менамояд, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ амалӣ созанд.

Яке аз шаклҳои дигари фаъолияти таълими донишҷӯ мавриди омӯзиши ҳалли масъалаҳои матнӣ машғулияти амалӣ мебошад. Ин шакли фаъолият ба таври васеъ дар донишгоҳҳо истифода карда мешавад. Машғулияти амалӣ боиси амалисозии робитаи байни назария ва амалия, инкишофи фаъолияти фикрӣ-азхудкунӣ ҷалби онҳо ба методҳои таҳқиқоти илмиро мусоидат менамояд. Масалан, мавриди ҳалли масъалаи матнии мушаххас маҳоми таҳлили шарти масъала, ҷустуҷӯйи нақшаи ҳал, ҷудокунии масъалаҳо ба зермасъалаҳо, бо ҳам муттаҳидсозии ҳалли зермасъалаҳо ва татбиқи ҳалли ёфташуда, хулосабарориҳо оид ба ҳалли масъалаҳо ташаккул меёбанд.

Унвонҷӯ навгониҳои илмии зерини таҳқиқотро дарёфт намудааст:

1. Моҳият ва мазмуни омодагии муаллимони оиндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ ҳамчун сифати ҳамгирои шахсият, ки муаллимони ояндаро майли ворид шудан ба муҳити фаъолияти таҳқиқотӣ доранд, инчунин таҷрибаи иҷрои фаъолияти таҳқиқотиро дар ҳолатҳои стандартӣ ва ҳолатҳои проблемавӣ ифода мекунанд;

2. муқаррар ва илман имкониятҳои бомуваффақияти ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» боэътимод, инчунин меъёрҳо, дараҷаҳои омодагии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ:

- марокнокӣ (муносибати мусбӣ ба касбӣ ояндаи худ, дарки моҳияти фаъолияти таҳқиқотӣ дар мувоффақиятнокии худфаъолиятӣ);

- маърифатӣ (фаҳмиши методологӣ ва масъалаҳои таҳқиқотии педагогӣ, донишҳои мушаххаси фаннӣ ва ғайра);

- фаъолиятнокӣ (маҳоратҳои лоиҳабандӣ, маҳоратҳои асосноккунӣ, маҳоратҳои ташкилӣ, маҳоратҳои робитавӣ)

- инъикоскунанда (қобилияти иҷрои таҳлил ва баҳодиҳии нуктаҳои назари гуногун оид ба масъалаҳои мушаххас, худтаҳлилкунӣ, худбаҳодиҳии фаъолияти таҳқиқотӣ);

- таъсирбахшии истифодаи таҷрибаи фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар беҳдошти омодагии касбӣ-методӣ, навишти корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм коркард шуд, нишон додааст.

Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар шакли гузориш ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муаррифӣ шудааст. Бобҳои алоҳидаи рисола дар шакли дастурҳои методӣ, мақолаҳои илмӣ-методӣ нашр шудаанд. Аз натиҷаҳои таҳқиқот 17 номгӯйи мақолаҳои илмӣ чоп карда шудааст, ки дар байни онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дарҷ карда шудаанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои он аҳамияти муайяне ба назария ва методикаи таълиму тарбия ворид гардида аст. Дар кор мафҳуми омодагии муаллимон ба фаъолияти таҳқиқотӣ ҳамчун системаи ҳамгирои омӯзиши предметҳо, инчунин «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» барои ҷалби муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ пешкаш шудааст. Дараҷа ва меъёрҳои ташаккулёбии омодагии муаллимони оянда мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» муайян карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад асоси назариявии коркарди ояндаи ин масоил шавад ва васоити таълимии «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» гардад. Инчунин, хулосаҳо, андешаҳои муҳаққиқ дар оянда барои беҳдошти раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат менамояд. Маводи диссертатсияро метавон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, коллеҷҳо ва системаи такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ истифода бурдан ба маврид аст.

Мақсаду ҳадафҳои озмоиши педагогӣ аз паҳнкунӣ ва санҷиши самараноки омодагии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти

таҳқиқотӣ мавриди омӯзиши ҳамгироии “Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ” бо дигар фанҳои бахши математикӣ-методӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар зинаи озмоишӣ барқароркунии далелҳо мақсад, вазифа, масъалаҳо, ғояҳои пешбарандаи фаъолияти озмоишӣ, муқарраркунии ҳолати кунунии омодагии омӯзгорони оянідаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ, муайянкунии нишондодҳои ташаккулёфтаи омодагӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ, гузаронидани барқароркунии далелҳои таъсирбахши сатҳи ташаккулёфтаи омодагии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ ба итмом расонида шудааст.

Илмияти натиҷаҳои таҳқиқот бо асоснокунии илмии муқаррароти назариявии истифодашуда, аз ҷумла пайдарпайи мантиқии дохилии таҳқиқот, ки барои коркарди натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-ҷустуҷӯйӣ бо методҳои математикӣ мусоидат мекунанд, ба вазифа ва мақсадҳои таҳқиқот мутобиқанд, таъмин карда шудааст.

Бо баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия ва автореферат баъзе нуқсонҳо ба назар мерасанд:

1. Дар диссертатсия доир ба намунаи рисолаи хатм оид ба иҷрои ягон мундариҷаи ҳалли масъалаҳои матнии синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти нишон дода мешуд, хуб мебуд.

2. Озмоиши педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузаронида шудааст, агар озмоиши педагогӣ дар коллеҷҳои омӯзгорӣ гузаронида мешуд, ин боз арзиши назариявию амалии диссертатсияро қавитар мегардонид.

3. Дар диссертатсия зарур буд, ки ба ҷанбаҳои психологии раванди омодасозии омӯзгорони оянда бахусус, бартараф намудани монеаҳои равонӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда мешуд.

4. Дар автореферат ва ҳам дар диссертатсия баъзе хатоҳои услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба арзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд. Мазмуну

мӯҳтавои мақолаҳои илмӣ-методии нашркардаи муаллиф ва автореферат бо мазмуну муҳтавои рисола мувофиқат мекунанд.

Бо боварӣ метавон гуфт, ки диссертатсияи Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи "Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа-PhD аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, ба талаботи Низомномаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки ба бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи доктори фалсафа-PhD, аз рӯйи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) арзанда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
директори маркази ҷумҳуриявии таълими
методии назди Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Мирзозода

Маълумот барои тамос.
Тел.: (+992) 918 63 62 37,
Email: r_mirzoev1966@mail.ru

Имзои Р. Мирзозодаро тасдиқ мекунам:
Сармутахассиси шуъбаи кадрҳои маркази
ҷумҳуриявии таълими методии назди Вазорати
маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарипова М.Ф.